# ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВАЗИФАИ ҲАР ЯК ФАРДИ ҶОМЕА МЕБОШАД

Бори аввал 5 июни соли 1972 дар шаҳри Стокголм конфронси махсуси Созмони Милали Муттаҳид созишномаро оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист таҳия ва қабул намуд, ки мақсадаш ҷалб намудани диққати ҷомеа ба ин масъала буд. Дар Ҷумҳурии мо «Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист» аз соли 1988 ва ҳамчун иди давлатӣ аз соли 2008 ин ҷониб дар сатҳи баланд қайд карда шуда, ба ҳалли масъалаҳои экологӣ аҳамияти махсус дода мешавад. Рӯзи байналмилалии муҳити зист яке аз санаҳои басо муҳим барои аҳли сайёра ҳисобида мешавад, зеро тибқи маълумоти мавҷуда онро расман сокинони беш аз 100 давлати дунё таҷлил менамоянд. Таъмини амнияти экологии ҷомеа аз мубрамтарин масъалаҳои умумибашарӣ ҳисобида шуда, имконияти хубест, барои бори дигар ҷалб намудани таваҷҷӯҳи оммаи васеъ ба масоили экологӣ мебошад.

Боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонист, ки иқдоми навбатии Сарвари давлатамон дар бораи эълон намудани даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 амалӣ гардида истодааст. Дар иртибот бо ин дар Тоҷикистони азизи мо мунтазам чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ, конфронсу симпозиумҳо баргузор мегарданд, ки асосан ба тарғибу ташвиқи донишҳои экологӣ, баланд бардоштани маърифати экологии шаҳрвандон, ҳифзу тоза нигоҳ доштани манбаъҳои захираҳои обу хок, олами набототу ҳайвонот равона карда шудаанд.

Тавре, ки дар Паёми Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олӣ хоса таъкид гардид: «Зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир кунем».

Ҳамзамон, эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба пешрафту тараққӣ додани сайёҳӣ ва тақвият ёфтани касбу ҳунарҳои мардумӣ дар мамлакат заминаи мусоид фароҳам меоварад. Хотирнишон сохта мешавад, ки ҳифзи муҳити зист, дар айни замон, яке аз роҳҳои асосии ҷалби сайёҳон мебошад.

Мақомоти давлатии ҳифзи муҳити зист маҳз ба шарофату файзи соҳиб-истиқлолии кишвар ба яке аз сохторҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта, назорати давлатии экологӣ, обуҳавошиносӣ, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зистро амалӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои табиӣ, солимгардонии муҳити зист вазифаи ҳама мебошад. Ҳоло экология ва ҳифзи муҳити зист яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи сиёсат, иқтисодиёт, тафаккури ҷамъиятии мардум, саломатии аҳолӣ, пешрафти давлат ба шумор меравад.

Масъалаи асосие, ки дар самти ҳифзи муҳити зист таҳти таваҷҷҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ, аз ҷумла наврасону ҷавонон, мебошад. Мутаассифона, ҳанӯз ҳам шастанд нафароне, ки нисбат ба ҳифзи муҳити

зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиат бетарафӣ зоҳир менамоянд. Кумитаи ҳифзи муҳити зист бахри тадбиқи қонунҳои ҷории соҳавӣ доир ба баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ корњои муаянро ба анљом расонида истодааст. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 – юми апрели соли 2021 тањти №116 «Барномаи давлатии маҷмўии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025» қабул гардида, љињати иљрои он дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, воситаҳои ахбори омма ва ањли љомеа чорањои мушаххас андешида шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки қарзи ҳар як фарди ҷомеа аз он иборат аст, ки доимо сарвати табиатро муҳофизат карда, дар ободии Ватан ҳиссаи худро гузоранд. Табиати Тоҷикистон, ки як гўшаи биҳишт аст, ки дар айни ҳар як фасли сол зебогии ба худ хосро дошта, ба инсон руҳу равони солим ва неруву қувват мебахшад.

Барои мо сокинони ин диёри биҳиштосо танҳо табиати Ватанамон азизу бемисол аст. Зеро табиат дусту ҳамдами инсон буда, ба ҳар дарди ӯ дармон мебахшад. Зебоии табиат бо садои булбул, шаршараҳои зебо, дарёҳои калон дили ҳар як хурду бузургро шефта мегардонад. Тавре, ки мо медонем, сайёҳони кишварҳои хориҷӣ низ аз табиати зебои диёрамон огаҳӣ дошта, аз ҳар гўшаҳои олам ба тамошои он омада, иқлим, кўҳҳо, набототи ва ҳайвоноти кишварро меомӯзанд ва орзу ҳам мекунанд, ки чунин табиати форам ва дилкашро доро бошанд.

Хулоса, табиати Тоҷикистон биҳиштосо буда, мисли оҳанрабо касро ба оғўши худ мекашад. Гуфтан муҳим аст, ки мо инсонҳо бояд ҳамеша аз табиати хеш ҳифз намуда, нагузорем, ки он маҳв гардад, зеро ки ин қарзи шаҳрвандии мост.

**Ассистентони кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармакология,**

**Файзиева М.С., Давлатзода Н.С.**